# АНДАР СИТОИШИ ИЛМ, ОЛИМ ВА ТАЛАБИ ИЛМ ДАР «ҲАДИҚАТУ-Л-ҲАҚИҚАТ»-И САНОИИ ҒАЗНАВӢ

*М. Юлдашева* [1]

*Аннотатсия:*
Саноӣ ба ҳайси шоири тавоно ва олими андешаманд тавониста масоили гуногуни илмиро дар ҷаҳони фикрии худ матраҳ намояд ва ба ин мавзӯи нозукӣ тасаввуфу ирфон ва аҳлоқи инсон бо диди наздик ба ислом нигоҳ намояд. Аз ин рӯ, дар доираи ин адабиёти пуршукӯҳҷой доштани тафаккури ирфонӣ, бахусус ҷилваи сӯфия бо равиши хос ва дар ин замина пайдоиши адабиёти сӯфия қобили таваҷҷуҳ мебошад. Пайванду пайдоиши ин адабиёт ба зуҳури шахсиятҳои алоҳидаи маърифатию мазҳабӣҳатто ба паёмбарону қуръону аҳодис такя мекунад.

*Калидвожа:* Ҳаким Саноӣ, «Ҳадиқа», тасаввуф, адабиёти сӯфия, илм, олим

*doi: https://doi.org/10.2024/4crh0z04*

Адабиёти оламшумули Шарқ дар вусъати мавҷудияти таърихии хеш бо ҳузури тафаккури қавии фалсафию ирфонӣ, мавҷудияти афкори хоси инсонпарварона шохаи бузурги адабиёти ҷаҳониро ба вуҷуд овардааст. Аз ин рӯ, дар доираи ин адабиёти пуршукӯҳҷой доштани тафаккури ирфонӣ, бахусус ҷилваи сӯфия бо равиши хос ва дар ин замина пайдоиши адабиёти сӯфия қобили таваҷҷуҳ мебошад. Пайванду пайдоиши ин адабиёт ба зуҳури шахсиятҳои алоҳидаи маърифатию мазҳабӣҳатто ба паёмбарону қуръону аҳодис такя мекунад. Бино ба андешаи баъзе муҳаққиқон пайдоиши ин адабиёт ҳамчун манбаи фикрӣ ва фалсафӣ, ҳамчунин шохаи пурнуфузи ҷараёни ирфонӣ ба даврони пайдоиши ислом пайванд мегирад. Аз ин нуқтаи назар аз аввалин даврони рӯи кор омадани адабиёти форсию тоҷикӣ ва ҳам арабӣ нуфузи ҷараёни тасаввуф дар он афзалият дошта, барои арзи ҳастӣ намудани шохаву ҷараёнҳои зиёде таъсир гузоштааст. Агар дар оғоз бештари матлабҳо дар гуфтори сӯфиён ва шарҳу басти истилоҳоти ирфонӣ ифода мешуданд, даврони баъдинаи ташаккули ҷаҳоншиносии исломӣ барои падид омадани мактабҳои хоси тасаввуфи назарӣ ва таълифи кутубӣ фаровон дар бораи тасаввуф боис гардид.

Саноӣ ба ҳайси шоири тавоно ва олими андешаманд тавониста масоили гуногуни илмиро дар ҷаҳони фикрии худ матраҳ намояд ва ба ин мавзӯи нозукӣ тасаввуфу ирфон ва аҳлоқи инсон бо диди наздик ба ислом нигоҳ намояд. Масалан, дар ҷое аз «Ҳадиқа» зери унвони «Ситоиши илм, олим ва талаби илм» омадааст:

Илм бо кор судманд бувад,
Илм бе кор пойбанд бувад[6, с.151].

---

[1] *Юлдашева Мухайё Абдуллаевна, соискатель кафедры таджикского языка и литературы, факультета восточных языков, ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова» Худжанд, Таджикистан*

Яъне, шоир илми боамалро дар ин байт, ки байти оғозин аст, тараннум карда, дар давоми фикри ҳуд овардааст:

Илм дорӣ, вале бо суду рибо,
Мавлиъӣ, лек бар фасоду зино.
Илми мухлис даруни ҷон бошад,
Илм дурӯӣ бар забон бошад[6, с.152].

Чунон ки аз абёти болоӣ мушоҳида гардид, шоир онҳоро барои тақвияти байти аввал зикр намуда, ба ин васила орои худро нисбат ба он ақидаи исломӣ, ки баргирифта аз ҳадиси Муҳаммад (с) аст, ки Абӯҳурайра (рҳ) мегӯяд: «Илме ки ба он амал намешавад, ҳамонанди ганҷе аст, ки дар роҳи Худо инфоқ намешавад». Сипас, бо услуби хоси сӯфиёнаи худ ба мисол задан мепардозад. Яъне, дар аксар маснавиҳои ирфонӣ, ки «Маснавии маънавӣ» намунаи беҳтарини онҳост ва бешак таъсири Саноӣ ва «Ҳадиқа»-и ӯ ба ин асари оламшумул низ кам нест, усули мисол задан маъмул мебошад. Чунончи дар мисоли ҳикояи мо Саноӣ гуфта:

Тозаги дониш аз савоб омад,
Фаррахи моҳ з-офтоб омад.
Моҳ бе офтоб торикист,
Вар чи онҷо масофа наздикист.
Ҳар ки ӯ оташест обнигор,
Дон, ки ӯҳаст рӯз дар кирдор.

Ҳаким Саноӣ яке аз омилҳои олим шуданро дар доштани шаҳсияти поку мубарро ва якгуна мепиндорад. Ба ақидаи ӯ олим бояд дар мақоми худ собит истад ва нагузорад, ки ҳавову ҳавасҳои дунё ба сари ӯ андешаҳои мухталифро бор кунанд:

Илм бо ту нагӯяд эч сухан,
З-онки гаҳ мард боши гаҳ зан.
Рехта оби рӯзгори ту ҳақ,
Ҷомаи зарқи халқ карда халақ.
Бар сари ман мазан, ки бар поям,
З-онки ман олимам, чунин боям.
Вар ту бинишастаи, макун фараҳе
З-онки ту фитна нишаста биҳӣ[6, с.153].

Инчунин, ба ақидаи Саноӣ мартабаи олим аз ҳокиму амалдорон баланд меистад ва нисбат ба онҳо зоти шарифи уламоро ҳам дар пешгоҳи Худо ва ҳам дар назди оммаи мардум аъло менигорад:

На ҳар касс, ки курсие дорад,
Мушкили соиле бурун орад.
Сухани беҳуда зи ирфон аст,
Ҳар ки дорад хуме, на Сукрот аст[3, с.171].

Шоир нигошта аст, ки барои пурсиши суолоту мушкилии худ инсон набояд ба назди ҳар аблаҳи камақл равад ва бо эшон пурсишу посух намояд, зеро мушкилии кас ҳамеша бо роҳи ақлу илм ҳаллу тафсил мешавад:

Мушкиле, к-аблаҳе ҷавоб диҳад,
Зи раҳе дон, ки бод з-об диҳад.
Худ надорад ба ҳеҷ тадбире,
Зи раҳи об тоқати тире.

Ва касеро, ки барои ҳалли мушкилии худ ба аблаҳон муроҷиат мекунад, аблаҳҳондааст:

Кай ситонад ҳакими Фарзона,

Дуои саръро зи девона.
Чун набошад ба роҳи печопеч,
Оқил аз чашми бад натарсад ҳеҷ[6, 153].

Маърифату илмомузӣ. Сӯфӣ илова бар таклифи зоҳири шариат ва улуми зоҳирӣ ба улуми ботинӣ низ таваҷҷуҳи хоса нишон додаанд ва дар паси зоҳири одобу ибодат, сирри ботиниро ҷустуҷӯ мекарданд. Илми ботин, адаби ботин бо ҳам итриботи наздик доранд, ҳарчи илму маърифат бисёр бошад, кашфи асрори Илоҳӣ низ бештар муяссар мегардад.

Саноӣ олими намоёни динфурӯшу дарвешони дурӯғинро масхара мекунад ва мегӯяд,онҳо на танҳо худ гумроҳанд, балки мардумро низ гумроҳ мекунанд ва танҳо барои касбу ҷоҳу мол, зоҳири хешро ҳамчун олимону насиҳатгӯён меоранд [6, 234].

Саноӣ ба масоили маърифат, абёти зиёде аз ҳадиқаро бахшидааст ва ин амр нишондиҳандаи он аст ки ҷомеаро аз дурӯғину риёкор дар ҳатар медидааст:

Илм, сӯи дари Илоҳ буд,
На сӯи молу нафсу ҷоҳ буд.
Мардро илм, роҳ диҳад ба наъим,
Мардро ҷаҳл дар барад ба ҷаҳим.
Ҳаҷҷат иззад аст дар гардан,
Ҳондани илму кор накардан.
Олимон ҳуд каманд дар олам,
Боз амали миён олим кам[6, 276].

Ҷанбаҳои таълимӣҳикоятҳои ҳадиқа.Таъсиргузории достон ва ҷуз байти он боис шуда ҳавзаи таълиму адабиёти таълими ва мушкили анвои мухталифи достонгӯӣ ривоҷ ёбад ва аксари ҳикоятпардозӣ, омили муассир барои таҳкими сухангӯянда ба шумор ояд.

Дар таълими ирфонӣ низ онҷо, ки бештар ҷанбаи ҳамагонии таълими тасаввуфу ирфон дар назар будааст, нақлу ривояти тамсил ва истифода аз ривояти достони бештар мавриди таваҷҷуҳ воқеъ шудааст.

Дар таълими Саноӣ нақл, анвои достону ҳикоят ва бозгӯи ривоятҳои таърихӣ ё мунозараҳо ва гуфтугӯи бузургони дину аҳлоқ ва тасаввуф, мавриди таваҷҷуҳи хоса будааст. Тақдими Саноӣ бар дигар шоирони арсаи адабиёти таълими боис шудааст осори ӯ дар ин замина сармашқи бисёре аз шоирон бошад ва ҳатто бархе, Саноиро мавҷуди тамсил бидонанд, аз ҷумла Шибли Нӯъмонӣ гӯяд: «Як ҷузъи муҳими шеъру шоири ташбеҳу тамсил аст. Дар собити як мисолҳои тамсилии аҳлоқӣ, шоири ногузир ба зикри шоҳиду амсол будааст. Шоирони номи мисол Саъдӣ, Соиб мебошад, дар ин санъат дорои дараҷаи камол буданд вале мавҷуди он ҳаким Саноӣғазнавӣ аст» [1, 60].

Андар сифату сурати олим
Ту ба гавҳар варои ду ҷаҳонӣ,
Чикунам қадри ҳуд намедонӣ.
Бо забони нек ҳам набудӣ ту,
Бо чунин зӯр мард мардӣ ту.
Чӣ камаст эй бузургзода туро,
Дар гушодааст ҳон ниҳода туро.
Гар ту ҳудро дар ин сарои ғурур,
Аз сирри ҷаҳлу буҳл дори дурр.
Панҷ навбат зани чу ақлу чу ҷон[6, 278].
Бар сирри ҳафт чарҳу чор аркон.

Вар қабои фано бияндозӣ,
Ба қабилаи бақои ҳақ тозӣ.
Ҳар се ҷонат ба шабгирӣ,
Дар салому чаҳор такбирӣ.
Оғушиҷону гунбади даввор,
З-онки бипурсаш аст беммораш.
Бар гузар к-ин сарой пару ҳаласт,
Нардбони поя умру боми аҷаолист.
Ҳар ки бар мутуни ин сарой расид,
Боз дасташ ба дидагон бикашид [6, 279].

Кам хӯрдан сода пӯшидан. Санойҳамвора дар ҳадиқа шикампарвариро мавриди мазаммат қорор медиҳад ва онро мояи тираги дарун, бехиради қувват гирифтани ҳашму шаҳват дар инсон медонад. Инсони шикампараст бисёр пастар ва беарзиштар аз инсони бутпараст аст, чаро ки инсони бутпараст ба хотири эътикоди ҳарчанд ботил ки дорад, аз бадиҳо дур шавад, аммо шикапараст ба воситаи онки аз хирад бебаҳра аст ба бадиҳо даст меёзаду аз илму ҳикмат, ки мояи камоли инсонӣ аст дур мешавад:

Сабаби хашму шаҳват аз луқма аст,
Офати зеҳну фитнаат аз луқма аст.
Бандаи батну лаззату шҳват,
Батар аз бандаи аззи ва миннат.

Ҳазрати одам низ аввалин бор аз тариқи шикам фиреб хурду аз ҷаннат ронда шуд, пас бидон ки шикампарварӣ на танҳо туро дур мекунад, боис ҳоҳад шуд, ки фардои қиёмат ҷойгоҳи ту дӯзах бошад. Кам хӯрдан зеҳну ҳиради инсонро тақвият ва фариштасифат мекунад.

Аввалин банд дар роҳи одам,
Буд наи гулу тибли шикам.
Баҳри кам ҳурдан аст ва беобӣ,
Зеҳни ҳинду ва нутқи арабӣ.
Чун ҳури беш пил боши ту,
Кам ҳури Ҷабраил боши ту.

Саноӣ дар ҷои аз ҳадиқа истилоҳи «гулӯбанда» ро барои инсонҳои пурҳӯру шикампараст ба кор мебарад ки истилоҳҷолиб аст.

Рӯи бисёрӯр бе нур аст,
К-аз гулӯбанде ҳӯҷаги дурраст.

Ҷомаи зебо ва гаронбаҳо нишонаи ҳирадманди инсоният нест, ҷома танҳо барои пӯшонидани бадан аст ва танҳо занон ҳастанд, ки ба ҷомаҳои зебо ва фахри ҳуд менозанд вагарна ҳамонгуна ки ганҷ дар вайронаҳо ёфт мешавад, Марди воқеиро низ бояд дар либосҳои кӯҳна ва сода пайдо кард. Инсоне, ки дар сари ҳуд ҳирад ва донои дорад барояш чандон муҳим нест ки кулоҳу тоҷи арзишманде бар сар дошта бошад, чароки қойгоҳи ақл даруни сар аст на рӯи сар.

Мар занон ростҷома андар ҳуд,
Ҳайдару марду ҷавшан андар бар.
Мардро дар либоси ҳалқон ҷӯи,
Ганҷ дар ганҷҳои вайрон ҷӯи.
Чи шуд ор бар сар афсар нест,
Ҳирад андар сар аст бар сар нест.

Мафҳумҳои таълимӣ-фалсафӣ. Хештаншиносӣ ва маърифати нафс дар канори дури аз худпарасти метавонад вазъияти ҷомеаро ба беҳбуди барад.

Таваҷҷуҳ ба ахлоқи умумӣ ва талош барои таҳзиби нафс барои дастёби ба саодати дунё ва охират ҳадафе аст, ки зоҳидону суфиёнро дар канори ҳакимон ва файласуфон қарор медиҳад, аз ҳамин рӯ адабиёт ҳукми фалсафиҳамвора илҳомбахши шоирони ахлоқгарои адабаёти форси будааст. Ин ваҷҳи ахлоқӣ дар «Хадиқа»-и Саноӣ низ мушоҳида мешавад.

Ҳарчанд миёни сӯфиёну файласуфон масоили ахлоқӣ муштараки зиёде вуҷуд дорад аммо ҳадафи онҳо дар пардохтан ба усули ахлоқӣ ба якдигар фарқ дорад, сӯфиён бо дунболи саодати охират ҳастанд аммо файласуфон некбахтӣ ва саодати дунявиро дунбол мегиранд.

Мисоли таъсири ақлҳову нафасҳо дар силсилаи маротибу вуҷуд, дараҷоти нафс, такомули руҳ аз тариқи шиносои олами ҷисм низ аз мавриде аст, ки аз адбиёти фалсафи иқтибос шудааст.

Санои ақлу нафсро падару модари маънавӣ инсон дониста аст. ки колбади ҷисмро барои шинохти Ҳақ тоъоло ба руҳ арзони кардаанд;

Падару модар ҷаҳони латиф,
Нафси гӯё шиносу ақли шариф.
Падару модаре, ки ноозоранд,
Ҳуккамо ақлу нафсро доранд.
Сабаби ҷисмат ин ду ҷисмони аст,
Илмат, руҳат он ду руҳони аст.
Ҳақ он ду шарифро бигзор,
Ҳақ ин ҳар ду ҳам фурӯ магзор [6, 305].

Саноӣ монанди Носири Хусрав маротиба вуҷуди аввали кул, нафси кул ва пайдоиши руҳи ҳайвониро шарҳ дода ва таллуқи сурату ҳисро ба руҳ баён кардааст ва ҷойгоҳи инсонро дар низом иолам равшан мекунад то битавонад аз ин баҳс ба аҳдофи таълимӣ худ ноил шавад.

***Адабиёт:***

*[1]. Абдулманнони Насриддин. Куллиёти осор (таҳия ва таснифи Ф.Насриддинов).-Хуҷанд: Хуросон, Ҷ.3. 2013. – с. 534.*

*[2]. Авфӣ, Муҳаммад. Лубобу-л-албоб (бо муқаддимаи Э.Браун). Ҷ.2. Теҳрон, 1374. -с.252.*

*[3]. Ҳаким Абулмаҷд Маҷдуд ибни Одам Саноии Ғазнавӣ. Девон (бо муқаддима ва ҳавошиву феҳрист, бо кӯшиши Муҳаммади Разавӣ). -Теҳрон: Ққнус, 1354*

*[4]. Олимов, Кароматуллоҳ. Мировоззрения Санаи. Душанбе, 1973.- 193 с.*

*[5]. Румӣ,Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ(бар асоси матни Николсон ва мукобала бо нусхаҳои дигар). -Теҳрон: Нашри замон,2001. - с.345.*

*[6]. Саноии Ғазнавӣ.Ҳадиқату-л-ҳақиқат ва шариату-л-тариқат (тасҳеҳу таҳшияи Мударриси Разавӣ).-Теҳрон, 1359.-с.875*